آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Овози тоҷик

Банӣ одам аъзои якдигаранд!


11 ноябри соли 2026 Чоршанбе № 90 (15309)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

МУЛОҚОТҲОИ САМАРАБАХШ ДАР ДОИРАИ ҲАМОИШИ АНТАЛИЯ

10 ноябр Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев якҷо бо ҳамсараш бо даъвати Президенти Ҷумҳурии Туркия Раҷаб Таййип Эрдоған бо сафари корӣ ба шаҳри Анталия омад.





Дар фурудгоҳи байналмилалӣ роҳбари кишвари моро раиси Шӯрои оқсақолони Созмони давлатҳои туркӣ Биналӣ Йилдирим ва ашхоси расмии Туркия пешвоз гирифтанд.

Дар доираи сессияи 31-уми Конфронси СММ оид ба тағйирёбии иқлим, ки дар шаҳри Анталия идома дорад, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар қароргоҳи бароях ҷудошуда бо директори иҷроияи Фонди иқлими сабз Мафалда Дуарте мулоқот анҷом дод.

Зимни суҳбат масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкорӣ дар самти мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва ҷалби маблағҳои сармоягузории иқлимӣ баррасӣ гардиданд.

Таъкими пайвастаи робитаҳои шарикӣ бо фонд бо қаноатмандӣ таъкид гардид. Ҳаҷми бастаи лоиҳаҳои муштарак аз 200 миллион доллар афзуд.

Роҳбари кишвари мо аз тасдиқ гардидани Барномаи минтақавӣ оид ба офаридани ландшафтҳои ба тағйирёбии иқлим тобовар дар Осиёи Марказӣ истиқбол намуд.

Таъкид гардид, ки фароҳам овардани имконият барои истифодаи мустақими захираҳои Фонд аз ҷониби ниҳодҳои молиявии кишвар, инчунин таҳияи барномаи фарогири сармоягузорӣ дар Ӯзбекистон оид ба масъалаҳои иқлим, аз ҷумла баркарорсозии экологии минтақаи назди Арал ва рушди шаҳрҳои «сабз» хеле муҳим аст.

Дар анҷоми мулоқот барои таъкими шарикӣ ва татбиқсозии лоиҳаҳои нави муштарак мувофиқа намуданд.

Сарвари давлат бо президенти Бонки аврупоии таҷдид ва рушд Одил Рено-Бассо низ мулоқот анҷом дод.

Зимни мулоқот паҳлуҳои амалии густариши минбаъдаи шарикии стратегӣ бо ин ниҳоди бонуфузи молиявӣ баррасӣ гардиданд.

Ӯзбекистон шаш сол инҷониб бузургтарин шарики молиявии БАТР дар минтақа мебошад. Ҳаҷми бастаи лоиҳаҳо аз 7 миллиард доллар ва соли 2025 бори нахуст ҳаҷми амалиёт аз 1 миллиард доллар афзудааст.

Саҳми бонк дар рушди иқтисоди «сабз» баланд арзёбӣ гардид. Қариб 60 фоизи сармоягузориҳое, ки бонк ба кишвари мо ворид кардааст, ба лоиҳаҳои ин самт рост меояд.

Таҷдиди инфрасохтори барқӣ, рушди соҳаҳои кишоварзӣ ва саноати хӯрокворӣ, татбиқсозии хусусигардонӣ дар бахши бонкӣ, ба кор даровардани Маркази байналмилалии молиявии Тошканд, инчунин, пешбурди лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ чун самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар соли оянда муайян гардиданд.

Масъалаҳои омодагӣ ба баргузории ҷамъомади навбатии Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ дар соли 2027 низ баррасӣ шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо дабири кулли Созмони ҷаҳонии метеорологӣ Селесте Сауло мулоқот анҷом дод.

Зимни суҳбат дурнамои рушди ҳамкорӣ дар самтҳои мониторинги тағйирёбии иқлим, баланд бардоштани устуворӣ дар баробари рӯйдодҳои шадиди обу ҳаво, инчунин, беҳтар намудани вазъи экологӣ баррасӣ гардиданд.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки ҳамкорӣ бо СҶМ дар самтҳои навсозии инфрасохтори гидрометеорологӣ, такмили низомҳои мушоҳидаи обу ҳаво ва табдулии маълумот солҳо боз самаранок идома дорад.

Таъкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаҳои мониторинги атмосфера, пешгӯии тӯфонҳои чангу ғубор ва таъмини сифати ҳаво муҳим арзёбӣ гардид.

Дар анҷом ҷонибҳо омодагии худро барои густариши шарикии амалӣ дар самтҳои афзалиятноки рӯзномаи иқлимӣ ва татбиқсозии ташаббусҳои муштарак изҳор доштанд.

Сипас, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо Президенти Гурҷистон Михаил Кавелашвилӣ мулоқот кард.

Масъалаҳои мубрами густариши минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ӯзбекистону Гурҷистон баррасӣ шуданд.

Ба татбиқсозии тавофуқҳое, ки 2-3 июли соли ҷорӣ дар рафти сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Гурҷистон ба даст омада буданд, диққати махсус дода шуд.

Фаъол гардидани робитаҳои байни парлумонҳо, вазорату идораҳо ва доираҳои соҳибкории ду кишвар бо мамнуният таъкид гардид.

Ҳаҷми гардиши мутақобилаи маҳсулот ва шумораи корхонаҳои муштарак пайваста меафзоянд. Дар мамлакати мо бонки рақамӣ, ки бо иштироки сармоягузорони гурҷӣ таъсис ёфтааст, фаъолият дорад.

Қабули чорабиниҳои ҳамоҳангшуда ҷиҳати афзунсозии ҳаҷми гардиши маҳсулот, пешбурди ҳамкориҳои саноатӣ, ривоҷдиҳии сайёҳӣ, истифодаи босамар аз имконоти нақлиётиву транзитӣ, инчунин ҷалби васеи минтақаҳои ду кишвар ба ҳамкориҳои иқтисодӣ муҳим арзёбӣ гардид.

Ҳамин рӯз Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳайати Арабистони Саудиро таҳти роҳбарии вазири энергетика, вазири саноат ва захираҳои маъдании Шоҳигарӣ, шоҳзода Абдулазиз бин Салмон Ол Сауд қабул кард.

Дар оғози мулоқот вазир ба роҳбари кишвари мо салом ва накӯтарин таманниёти Подшоҳ Салмон бин Абдулазиз Ол Сауд ва Валиаҳд, Сарвазир Муҳаммад бин Салмон Ол Саудро расонд.

Масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкориҳои ҳамаҷониба ва шарикии васеи Ӯзбекистону Арабистони Саудӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Зимни суҳбат бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки тайи солҳои охир робитаҳо босуръат рушд намуда, бастаи лоиҳаҳои бузург ташаккул ёфтааст, ки қисми асосии онҳо ба соҳаи энергетикаи «сабз» рост меоянд.

Дар мулоқот ба масъалаҳои ба марҳалаи нав баровардани ҳамкорӣ дар соҳаҳои нафту газ, нафту кимиё, саноати кӯҳкорӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок, инчунин таҳияи пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ диққати махсус дода шуд.

11 ноябр роҳбари мамлакатамон дар сессияи умумии Конфронси СММ оид ба тағйирёбии иқлим иштирок мекунад.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

БУХОРО ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА МАЪРИФАТӢ

Сармоягузорӣ, сайёҳӣ ва илму маориф ҳамчун неруи созандаи фардои вилоят

Бухоро аз қадим бо мадрасаҳои пуршуҳрат, анъанаҳои ҳунармандӣ ва мероси бузурги маънавии худ маъруф аст. Аммо имрӯз ин сарзамин на танҳо бо гузаштаи пурифтихор, балки бо нақшаҳои ҷасуронаи иқтисодӣ низ таваҷҷуҳи ҷомеаро ҷалб мекунад. Сафари Президент Шавкат Мирзиёев ба вилоят 3-4 ноябри соли ҷорӣ боз як бор нишон дод, ки ояндаи ин диёр дар пайванди таърих, сармоя, илму дониш ва меҳнати созандаи инсонҳо шакл мегирад.

Дар ҷаласаи бахшида ба рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят сарвари давлат аз ташаббусҳои нав ба маблағи 30 миллиард доллар сухан гуфт. Ҳадафи онҳо беҳтар намудани зиндагии мардум, таъсиси истеҳсолоти нав, рушди хидматрасонӣ ва таъкими зерсохт мебошад. Ин рақами бузург, пеш аз ҳама, масъулияти бузург аст: ҳар сармоя бояд дар ҷойи кори воқеӣ, маҳсулоти рақобатпазир ва беҳбудии рӯзгори аҳолӣ таҷассум ёбад.

Мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда, интизор меравад, ки иқтисоди Бухоро соли равон бори нахуст аз марраи 100 триллион сӯм гузарад ва суръати афзоиш 10,1 фоизро ташкил диҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи соҳаҳои вобаста ба захираҳои табиӣ ва кишоварзӣ ҳанӯз назаррас аст. Пас, вазифаи асосӣ танҳо бештар истеҳсол кардан нест, зарур аст, ки корхонаҳо ашёи хомро амиқ коркард кунанд, арзиши иловагӣ офаранд ва ба бозорҳои ҷаҳонӣ маҳсулоти тайёр бароранд.

Дар доираи сафар барномаи иборат аз 145 лоиҳа бо арзиши умумии 7,8 миллиард доллар муаррифӣ гардид. Аз ин шумора 55 лоиҳа ба маблағи 654 миллион доллар ба истифода дода шуда, сохтмони 90 лоиҳаи дигар ба маблағи 7,1 миллиард доллар оғоз меёбад. Пешбинӣ шудааст, ки татбиқи онҳо беш аз 14 ҳазор ҷойи корӣ ва имконияти нави содиротиро фароҳам меорад. Муҳим он аст, ки ин нишондиҳандаҳо ба натиҷаҳои устувор табдил ёбанд ва бахусус ҷавонону занон аз имкониятҳои нав баҳра бардоранд.

Бозидиди Президент аз корхонаи нафткоркарди Қаровулбозор ва маҷмаои «Tekhnochem» дар ноҳияи Бухоро ҷиҳати дигари ин равандро равшан сохт. Барои навсозии заводи нафткоркарди Бухоро лоиҳаи 328 миллион долларӣ пешниҳод гардид, ки ба афзоиши коркарди ашёи хом ва истеҳсоли сӯзишвории босифат равона шудааст. Дар кластери нафту кимиё то охири соли 2028 татбиқ кардани лоиҳаи 292 миллион долларӣ ва таъсис додани 700 ҷойи нави корӣ дар назар аст.

Тибқи нақшаҳои баррасишуда, теъдоди сайёҳони хориҷӣ, ки имсол 3,5 миллион нафар пешбинӣ шудааст, дар оянда бояд ба 7 миллион нафар расад. Вале муваффақияти сайёҳиро танҳо аз рӯйи шумораи меҳмонон чен кардан дуруст нест. Муҳим аст, ки онҳо дар вилоят бештар бимонанд, аз меҳмонхонаҳои оилавӣ ва ҳунармандон харид кунанд, ба ноҳияҳо сафар намоянд ва бо фарҳанги маҳаллӣ амиқтар ошно шаванд. Барои ҳамин, то 4-5 рӯз дароз кардани муҳлати будубош ва пайвастани Шаҳри куҳан, Ҳафт пир, Чорбакр, Пойканд, Варахша ва Вардонзе ба масирҳои муштарак арзиши махсус дорад.

Бино ба иттилои котиби матбуоти Президент, мавсими фаъоли сайёҳӣ дар Бухоро аз чор ба шаш моҳ расидааст, вале имкони васеъ кардани он ҳанӯз зиёд мебошад. Соли оянда баргузории қариб 30 чорабинии байналмилалӣ дар назар аст. Ҳамчунин, дар ноҳияи Бухоро дар ҳудуди ҳазор гектар бунёди кластери сайёҳӣ ба маблағи 500 миллион доллар пешбинӣ шудааст. Чунин тарҳҳо бояд ба рушди меҳмонхонаҳо, нақлиёт ва хизматрасонӣ дар ноҳияҳо низ такон бахшанд, то даромади сайёҳӣ танҳо дар маркази вилоят ҷамъ нашавад.

Аммо симои ҳақиқии сайёҳии Бухоро бояд дар меҳмоннавозии мардум, тару тозагии шаҳр, сифати роҳбаладӣ ва эҳтиром ба ёдгориҳо инъикос ёбад. Агар сокинони маҳаллаҳо даромади мустақим ба даст наоранд ё ҳифзи мерос ба ҳошия равад, ҳатто иншооти пурҳашамат ҳам натиҷаҳои дилхоҳ нахоҳанд дод.

(Давомаш дар саҳ.2).

СОР31 ДАР АНТАЛИЯ: ТАВАҶҶУҲ БА ТАТБИҚИ УҲДАДОРИҲОИ ИҚЛИМӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

10-11 ноябр Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев бо сафари расмӣ ба Туркия рафта, дар Саммити ҷаҳонии саронидавлатҳо дар доираи Конфронси 31-уми ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (СОР31), ки дар шаҳри Анталия баргузор шуда, то 20 ноябр идома меёбад, иштирок мекунад.

Форуми ҷаҳонӣ таҳти раёсати Президенти Туркия Реҷеп Таййип Эрдоған баргузор мегардад. Барномаи конфронс ҳамчунин баргузории муколамаҳои вазирон, форумҳои соҳибкорӣ, чорабиниҳо барои ҷавонон ва ҷаласаҳои мавзӯиро оид ба самтҳои калидии рӯзномаи иқлимӣ дар бар мегирад.

Дар конфронс намояндагони давлатҳо, созмонҳои байналмилалӣ, доираҳои соҳибкорӣ ва ниҳодҳои молиявӣ ҷамъ омада, мушкилоти глобалии иқлим ва роҳҳои ҳалли амалии онҳоро баррасӣ мекунанд.

Афзалияти асосии конфронс гузаштан аз уҳдадориҳои сиёсӣ ба иқдомҳои мушаххас хоҳад буд. Дар меҳвари рӯзнома масъалаҳои маблағгузории иқлимӣ, коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ, гузариш ба энергетикаи тоза, мутобиқшавӣ ба гармшавии глобалӣ ва дастгирии кишварҳои осебпазир қарор доранд.

(Давомаш дар саҳ.2).

БУХОРО ДАР МАРҲАЛАИ НАВИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ ВА МАЪРИФАТӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Дар ҷаҳони муосир сарвати асосии ҳар минтақа танҳо конҳои зеризаминӣ ё бинохои нав нест, балки ақлу маҳорати инсонҳост. Аз ин рӯ, вазифаи ду баробар васеъ намудани фарогирии таҳсилоти дуалӣ дар муассисаҳои олии вилоят аҳамияти стратегӣ дорад. Донишҷӯ бояд дар баробари донишҳои назариявӣ таҷрибаи кор дар корхона, муассисаи сайёҳӣ, маркази хизматрасонӣ ё лабораторияро низ соҳиб шавад.

Масъалаи таъмини шуғл сабаби равшани ин таваҷҷуҳ ба касбомӯзист. Дар ҷаласа гуфта шуд, ки дар вилоят қариб 40 ҳазор нафар бекорон буда, 24 ҳазор шаҳрванди аз муҳоҷирати меҳнатӣ баргашта ҳанӯз кори муносиб наёфтаанд. Даромади 270 ҳазор нафар аз нишондиҳандаи миёна паст аст. Аз ин рӯ, пайванди омӯзишгоҳҳои касбӣ бо корхонаҳо, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва бозомӯзии калонсолон бояд ба яке аз меъёрҳои баҳодиҳии ислоҳоти иқтисодӣ табдил ёбад.

Донишгоҳи давлатии Бухоро метавонад дар ин раванд ҳамчун пайвандгари илм ва ниёзҳои воқеии иқтисодӣ хидмат кунад. Таҳқиқи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, таҳияи хатсайрҳои нави сайёҳӣ, рақамисозии хизматрасонӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ, сарфаи энергия ва ҳифзи муҳити зист аз ҷумлаи самтҳое мебошанд, ки натиҷаи илмии онҳо бояд дар амал санҷида шавад. Бунёди кампуси нави донишгоҳ низ танҳо афзудани шумораи синфхонаҳо нест, он бояд муҳити озмоиш, эҷодкорӣ ва ҳамкории ҷавонон бо корфармоён гардад.

Махсусан, рушди туризми таърихиву зиёратӣ бе таърихшинос, бостоншинос, забоншинос, тарҷумон ва мутахассиси технологияи иттилоотӣ тасаввурнопазир аст. Ҷавоне, ки мероси зодгоҳашро хуб медонад, чанд забонро меомӯзад ва бо воситаҳои рақамӣ кор карда метавонад, худ ба сафири фарҳангии Бухоро табдил меёбад. Ин аст маънои воқеии сармоягузорӣ ба неруи инсонӣ.

Рушди иқтисодӣ замоне ба зиндагии ҳаррӯза наздик мешавад, ки деҳотӣ оби тоза дошта бошад, роҳаш обод гардад ва барои кору таҳсил рафтан вақт ва хароҷоти камтар сарф кунад. Дар ҷаласаи 4 ноябр беҳтар намудани таъминоти оби нӯшокӣ барои 1,7 миллион нафар, пайвастани 775 ҳазор кас ба шабакаи корез ва аз 80 то 95 фоиз расондани фарогирӣ бо оби марказонидашуда ҳамчун ҳадаф муайян шуд. Инҳо на натиҷаҳои аллакай бадастомада, балки вазифаҳое ҳастанд, ки иҷрои дақиқ ва назорати доимиро талаб мекунанд.

Сафари Президент ба Бухоро паёми равшане дорад: рушди минтақа танҳо бо эълони лоиҳаҳои бузург анҷом намеёбад. Он бо сифати иҷро, масъулияти роҳбарон, шаффофияти сармоягузорӣ, иштироки ҷомеа ва ҳиссаи воқеии илм дар ҳалли мушкилот чен карда мешавад. Бухорои фардо бояд ҳам шаҳри таърихи зинда ва ҳам макони кор, дониш, навоварӣ ва зиндагии шоистаи инсон бошад. Вақте сармоя ба шуғл, мерос ба маърифат ва илм ба ҳалли амалӣ табдил меёбад, рушди устувор аз шиор ба воқеият мерасад.

Бобомурод ҶЎРАЕВ,
дотсенти Донишгоҳи давлатии Бухоро,
доктори фалсафа (PhD) аз рӯи фанҳои педагогика

ЗАМИН – МАНБАИ ДАРОМАД ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ

Дар ноҳияи Уйчии вилояти Намангон ба истифодаи самараноки замин, таъминсозии аҳолӣ бо шуғл, зиёд кардани манбаъҳои даромад ва коҳиш додани камбизоатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Шуъбаи коҳиши камбизоатӣ ва шуғли ноҳия ба аҳолӣ дар 11 788 қитъа, дар маҷмӯъ 1 748 гектар заминро ба иҷора додааст. Истифодаи самараноки ин заминҳо барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, таъминсозии аҳолӣ бо шуғл ва афзоиши даромади оилаҳо имконият фароҳам меорад.

Сокини маҳаллаи Овчибулоқ Рустамҷон Умаров аз ин имконият самаранок истифода бурда, дар 20 хол (сотих) замини ба иҷора гирифтааш деҳқонӣ мекунад. Ӯ дар замини худ кабудиҳои истеъмолӣ, аз ҷумла шибит ва ҷаъфарӣ (петрушка) парвариш намуда, дар як сол то се маротиба ҳосил мегирад. Фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба зиёд шудани даромади оилааш мусоидат мекунад.

Турдиалӣ Мирзоев, сокини маҳаллаи Деҳқонобод, ҳамроҳи аъзои оилааш дар як гектар замин ба кишоварзӣ машғул аст. Онҳо ҷуворимаккаи ширин, харбуза ва чормағзи заминӣ парвариш мекунанд. Ҳамин тариқ, оила барои худ манбаи иловагии даромад фароҳам овардааст. Айни замон ҷамъоварии ҳосили чормағзи заминӣ идома дорад.

Ҷунин ташаббусҳо дар самти истифодаи самараноки замин, зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, фароҳам овардани манбаъҳои нави даромад ва таъминкунии шуғли мавсимии аҳолӣ аҳамияти калон доранд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Намангон

СОР31 ДАР АНТАЛИЯ: ТАВАҶҶУҲ БА ТАТБИҚИ УҲДАДОРИҲОИ ИҚЛИМӢ ВА ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Интизор меравад, ки ба татбиқи Созишномаи Париж, ки ҳадафаш нигоҳ доштани афзоиши ҳарорати миёнаи глобалӣ дар сатҳи хеле поёнтар аз 2 дараҷаи Селсий ва маҳдуд кардани он то 1,5 дараҷа мебошад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардад. Яке аз масъалаҳои мураккаб ҳамоно маблағгузории иқлимӣ боқӣ мемонад. Дар СОР29, ки дар Боку баргузор шуд, кишварҳо ба мувофиқа расиданд, ки то соли 2035 ҳамасола барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ на камтар аз 300 миллиард доллар сафарбар карда шавад. Ҳамчунин, ҳаҷми умумии маблағгузорӣ аз ҳисоби манбаъҳои давлатӣ ва хусусӣ бояд то ба 1,3 триллион доллар расонда шавад.

Дар баробари ин, кишварҳо масъалаи муайян кардани таносуби муносиб байни маблағгузории давлатӣ ва хусусӣ, аз ҷумла грантҳо ва қарзҳои имтиёзнокро идома медиҳанд. Мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, коҳиши партовҳои зараровар ва тақсими масъулият байни давлатҳо низ аз масъалаҳои меҳварии музокирот боқӣ мемонанд.

Раёсати Туркия дар самти афзалиятноки СОР31-ро муайян кардааст, ки аз ҷумла энергетикаи тоза, коҳиш додани партовҳо ва метан, шаҳрҳои устувор, саноатикунонии «сабз», амнияти озуқаворӣ, тандурустӣ ва ҳифзи низомҳои экологиро дар бар мегиранд.

Ҳамчунин ба таҳияи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, ки метавонанд нақшаҳои миллии иқлимиро ба натиҷаҳои воқеӣ табдил диҳанд, таваҷҷуҳи алоҳида зоҳир мешавад.

Барои Осиёи Марказӣ музокироти иқлимӣ аҳаммияти хос дорад, зеро минтақа бо суръат гирифтани таназзули замин, камшавии захираҳои об ва обшавии пиряхҳо рӯ ба рӯ мебошад.

Раиси Кумитаи миллии экология ва тағйирёбии иқлими Ӯзбекистон Азиз Абдуҳакимов зимни суханронӣ дар СОР30, ки дар шаҳри Белеми Бразилия баргузор гардид, иттилоъ дод, ки беш аз 20 фоизи заминҳои Осиёи Марказӣ ба таназзул дучор шудаанд ва ҳарорат дар минтақа аллакай 2,2 дараҷа боло рафтааст. Ба гуфтаи ӯ, ҳаҷми оби дастрас ба ҳар сари аҳолӣ дар Ӯзбекистон тақрибан ду баробар кам шуда, минтақа наздики 30 фоизи ҳаҷми пиряхҳои худро аз даст додааст.

Ӯзбекистон чандин даҳсола боз дар раванди байналмилалии мубориза бо тағйирёбии иқлим иштирок мекунад. Кишвар ба Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим ҳамроҳ шуда, Протоколи Киоторо соли 1999 ва Созишномаи Парижро соли 2018 ба тасвиб расондааст. Дар ин муддат сиёсати миллии иқлимии кишвар самтҳои нав ва нишондиҳандаҳои мушаххасро касб кардааст.

Аз ҷумла, моҳи ноябри соли 2025 кишвар Ҳиссаи сеюми дар сатҳи миллӣ муайяншудаи худро (ОНУВ) пешниҳод карда, уҳдадор шуд, ки то соли 2035 ҳаҷми хоси партовҳои газҳои гулхонаиро ба ҳар воҳиди маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба сатҳи соли 2010 ба андозаи 50 фоиз коҳиш диҳад.

Аз ҷумлаи самтҳои афзалиятноки миллӣ рушди энергетикаи барқароршаванда мебошад. Қарор аст иқтидори муқарраршудаи он то 25 ҳазор мегаватт расонда, ҳиссаш дар панҷ соли наздик ба 54 фоиз афзоиш дода шавад. Дар доираи барномаи «Макони сабз» низ васеъ намудани ҳудуди ҷангалзорҳо то 6,1 миллион гектар, аз ҷумла 2,3 миллион гектар дар минтақаи наздибаҳрии Арал, пешбинӣ шудааст.

Президент Шавкат Мирзиёев зимни СОР29 дар Боку як қатор ташаббусҳои муҳими байналмилалиро пешниҳод намуд, ки ба таҳкими ҳамкориҳои ҷаҳонӣ дар самти мубориза бо тағйирёбии иқлим, ҳифзи захираҳои об ва генетика, рушди кишоварзӣ ва шаҳрҳои устувор, инчунин пешбурди ташаббусҳои «сабз»-и ҷавонон равона шудаанд.

Аз ҷумла, кишвар ҳадаф гузоштааст, ки ҳиссаи энергетикаи «сабз»-ро дар иқтисодиёт то 40 фоиз расонад ва ният дорад то соли 2050 уҳдадориҳои иқлимии худро боз ҳам густариш диҳад.

Саркори давлати Ӯзбекистон дар ҷараёни конфронс аҳаммияти рушди кластерҳои истеҳсоли автомобилҳои барқӣ ва ҳидрогени «сабз», инчунин энергетикаи офтобӣ ва бодиро таъкид кард. Президент ҳамчунин ба ҳамкориҳои муштараки кишварҳои минтақа дар таҳияи Стратегияи минтақавии иқлимӣ ва ташаббуси интиқоли неруи барқи «сабз» ба Аврупо ишора намуд.

Яке аз самтҳои муҳими ҳамкориҳои байналмилалии Ӯзбекистон ҳамкорӣ бо Фонди глобалии экологӣ (ФГЭ) мебошад. Моҳҳои май-июни соли 2026 Самарқанд мизбони Ассамблеяи ҳаштуми ин фонд гардид. Дар натиҷаи он Ӯзбекистон бори аввал ба қатори кишварҳои донор шомил шуд. Ин рӯйдод марҳилаи нави иштироки кишварро дар ҳамкориҳои байналмилалии экологӣ оғоз бахшид.

Лоиҳаҳое, ки дар ҳамкорӣ бо сохторҳои СММ таҳия мешаванд, идомаи амалии чунин ҳамкориҳо ба шумор мераванд. Дар доираи даври нуҳуми барномавии Фонди глобалии экологӣ барои солҳои 2026–2030 лоиҳаи беҳтар намудани сифати ҳавои атмосфера дар шаҳрҳои Тошканд ва Самарқанд бо иштироки Барномаи СММ оид ба муҳити зист (ЮНЕП) мавриди таҳия қарор дорад.

Самти дигари ҳамкорӣ бо Барномаи рушди СММ (БРСММ) ба ҳифзи бабри барфӣ ва низомҳои экологии кӯҳии Осиёи Марказӣ марбут аст. Ҳамзамон, дар ҳамкорӣ бо Созмони рушди саноатии СММ (ЮНИДО) масъалаи рушди низомҳои каммасрафи хунуккунӣ баррасӣ мешавад. Ин ташаббусҳо якбора чанд самти муҳимро фаро гирифта, аз ҳифзи гуногунии биологӣ то истифодаи оқилонаи неру ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлимро дар бар мегиранд.

Ҳамин тариқ, Саммити ҷаҳонии сарони давлатҳо метавонад ва бояд ба минбари муҳими муайян намудани қадамҳои минбаъда дар роҳи татбиқи уҳдадориҳои глобалии иқлимӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил ёбад. Барои Осиёи Марказӣ махсусан муҳим аст, ки қарорҳои қабулшаванда мушкилоти экологии минтақаро ба инобат гиранд. Барои Ӯзбекистон бошад, ин конфронс имконияти мусоид фароҳам меорад, то ташаббусҳои худро пеш барад ва ҳамкориҳоро дар ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли муштараки мушкилоти иқлимӣ густариш диҳад.

АИ «Дунё».

Ҳудуди ҳамдигарфаҳмӣ

МАРЗҲОИ ДӮСТӢ ВА ҲАМКОРӢ

Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон эътимоди сиёсиро пайваста таҳким бахшида, робитаҳои иқтисодиро густариш медиҳанд ва барои ҳамкориҳои дарозмуддат заминаи боэътимод фароҳам меоранд. Се давлати ҳамсоя, ки халқҳояшонро таърихи муштарак, фарҳанг, анъана ва муносибатҳои неки ҳамсоягии чандинсола ба ҳам мепайванданд, тадриҷан ихтилофоти пешинаро паси сар намуда, ба сатҳи сифатан нави шарикии стратегӣ ворид мегарданд. Имрӯз ҳамкориҳои байни онҳо ба яке аз омилҳои муҳими таҳкими субот ва рушди Осиёи Марказӣ табдил меёбанд.



Дар ин раванд иродаи сиёсии роҳбарони се давлат – Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Ҷапаров нақши калидӣ дорад.

Кушодани сарҳадҳо, содагардонии равуои мутақобила, барқарор намудани робитаҳои оилавию фарҳангӣ, фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои соҳибкорӣ ва савдо – ҳамаи ин муносибатҳои неки ҳамсоягиро на танҳо ба як эъломияи сиёсӣ, балки ба ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии рӯзмарраи мардум табдил медиҳад.

Яке аз рӯйдодҳои муҳим дар ин масир мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳо буд, ки 31 марти соли 2025 дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид. Ба имзо расидани Шартнома дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳадҳои давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд оид ба дӯстии абадӣ марҳалаи нави ҳамкориҳои минтақавиро муайян кард.

Тасдиқи амалии идомаи ин раванд Форуми IV байналмилалии соҳибкории «РОСТ» мебошад, ки 29-30 октябр дар шаҳри Хуҷанд таҳти унвони «Рушди агломератсияҳо ва шаҳрҳои хурд тавассути лоиҳаҳо ва сармоягузорӣ – 2026» баргузор гардид. Яке аз рӯйдодҳои марказии ин чорабинӣ муаррифии монографияи дастаҷамъонаи «Ҳамкориҳои байниминтақавӣ: дурнамо ва омилҳои рушди устувори иқтисодиёти Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон» буд.

Китоби мазкур соли ҷорӣ дар шаҳри Хуҷанд аз ҷониби нашриёти «Ношир» ба табъ расида, аз 852 саҳифа иборат аст. Роҳбари илмӣ ва муҳаррири масъули он доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Корманди шоистаи илму техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдушукур Назаров мебошад.

Нашри мазкур ба рӯйдоди таърихӣ – ба имзо расидани Эъломия дар бораи дӯстии абадӣ ва шарикии стратегӣ байни Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон бахшида шудааст. Монография таҳти роҳбарӣ ва бо дастгирии раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба чоп омода гардидааст.

Дар таҳияи асар олимон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мутахассисони соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи се давлат иштирок кардаанд. Дар байни муқарризон намояндагони ҷомеаи илмии Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Русия низ ҳастанд. Аз ҷумла, академики Академияи илмҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қаландар Абдураҳмонов.

Хусусияти фарқкунандаи ин асар муносибати фарогир ба омӯзиши робитаҳои байниминтақавӣ мебошад. Муаллифон на танҳо натиҷаҳои бадастомадаро таҳлил мекунанд, балки шароити иқтисодӣ, инфрасохторӣ, иҷтимоӣ ва институтсионалии амиқтар гардидани ҳамкориҳоро низ мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

Сохтори монография нӯҳ самти бузурги мавзӯиро фаро мегирад. Қисми назарраси маводи он ба минтақаҳои мушаххас – вилояти Суғди Тоҷикистон, вилоятҳои Тошканд, Фарғона ва Намангони Ӯзбекистон, инчунин вилоятҳои Бодканд, Ӯш ва Ҷалолободи Қирғизистон бахшида шудааст.

Ташаббускори таҳияи ин асари илмӣ роҳбарияти вилояти Суғд дар ҳамкорӣ бо олимони пешсафи минтақа мебошад. Тавре раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода дар сарсухани китоб қайд мекунад, монография яке аз аввалин корҳои муштараки олимон ва мутахассисони соҳаҳои хоҷагии халқи се давлат дар 30 соли охир ба шумор меравад. Ӯ дар бораи аҳамияти мулоқоти сеҷонибаи сарони давлатҳо дар Хуҷанд ва нақши вилояти худ дар рушди шарикӣ муфассал изҳори назар мекунад.

Ба арзёбии ӯ, вилояти Суғд дар ҳаёти иқтисодию фарҳангии Тоҷикистон аз лиҳози таърихӣ мавқеи хос дорад. Ӯ ин минтақаро чорроҳаи Роҳи бузурги абрешим ва дарвозаи тиҷоратии шимолии иқтисодиёти кишвар меномад. Хуҷанд, ки таърихи беш аз сеҳазорсола дорад, дар тӯли асрҳо яке аз марказҳои муҳими савдо ва ҳунармандӣ буда, Осиёи Марказиро бо Ҳиндустон, Эрон, Русия, Аврупо, Қафқоз ва Чин мепайваст.

Раиси вилояти Суғд бо он аҳамияти махсус медиҳад, ки созишномаҳои бадастомада на танҳо ба рушди муносибатҳои байнидавлатӣ, балки ба фаъол гардидани робитаҳои байни минтақаҳо низ мусоидат карданд. Далели амалии ин раванд рушди тиҷорати мутақобила мебошад. Тибқи маълумоти овардашуда, соли 2025 гардиши савдои вилояти Суғд бо минтақаҳои Ӯзбекистон ба 423,6 миллион доллар расида, нисбат ба соли қаблӣ 30,4 фоиз афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми савдо бо минтақаҳои Қирғизистон 34,3 миллион доллярро ташкил додааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи соли 2024 тақрибан се баробар зиёд мебошад. Дар соҳаи энергетика низ имкониятҳои назарраси ҳамкорӣ мавҷуданд. Намунаи равшани он сохтмони НБО-и Ёвон бо иқтидори 140 мегаватт мебошад. Бунёди ин неругоҳ 2 июни соли 2022 бо иштироки президентҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон оғоз ёфта буд. Ин иншооти гидроэнергетикӣ нахустин лоиҳаи бузурги муштараки ду кишвар дар соҳаи энергетика ба шумор меравад.

Раҷаббой Аҳмадзода таъкид мекунад, ки роҳбарияти вилояти Суғд омода аст, то барои татбиқи ҳадафҳои стратегии роҳбарони се давлат чиҳати амиқтар намудани ҳамкориҳо тамоми саъю кӯшиши худро равона созад.

Дар сарсуханҳое, ки ҳокимони вилоятҳои Тошканд ва Фарғонаи Ӯзбекистон омода кардаанд, низ назари фарогир оид ба иштироки Ӯзбекистон дар ҳамкориҳои байниминтақавӣ баён шудааст.

Ҳокими вилояти Тошканд Зоир Мирзоев қайд мекунад, ки муносибатҳои се кишвар дар солҳои охир ба шарофати иродаи сиёсии роҳбарон ба сатҳи сифатан нав баромадаанд. Ташаккули фазои эътимод, барқарор гардидани муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва густариши робитаҳои мутақобила аз ҷумлаи самтҳои оянда дори ҳамкорӣ ном мебарад. Таъкид мешавад, ки ҷонибҳо барои таъсиси корхонаҳои муштарак имкониятҳои васеъ доранд. Суханони Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев – «Мо гузаштаи ягона ва оянда муштарак дорем, ки дар он манфиатҳои ҳаётан муҳими мо ба ҳам мувофиқанд. Ба ҷуз аз густариши ҳамкориҳои минтақавӣ, мо интихоби дигар надорем» ҳамчун заминаи рушди минбаъдаи муносибатҳо оварда шудаанд.

Ҳокими вилояти Фарғона Хайрулло Бозоров низ назари худро оид ба ҳамкориҳои сеҷониба баён кардааст. Ӯ таъкид мекунад, ки дар тӯли нӯҳ соли охир муносибатҳои неки ҳамсоягӣ байни Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон ба таври назаррас таҳким ёфтаанд. Дар ин раванд сиёсати хориҷии кушода, прагматикӣ ва сулҳҷӯёнаи Ӯзбекистон, ки бо ташаббуси Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев амалӣ мегардад, нақши муҳим бозидааст.

Хайрулло Бозоров як қатор нишондиҳандаҳоро меорад, ки динамикаи иқтисодии минтақаро инъикос мекунанд. Аз ҷумла, маълумоти марбут ба ҳузури соҳибкорони тоҷик ва қирғиз дар вилояти Фарғона қобили таваҷҷуҳ аст. Дар ин минтақа 25 корхона бо иштироки сармояи Тоҷикистон, аз ҷумла 11 корхонаи муштарак ва 14 корхона бо сармояи хориҷӣ фаъолият мекунанд.

Ҳамчунин, 52 корхона бо иштироки сармояи Қирғизистон, аз ҷумла 26 корхонаи муштарак ва ҳамин миқдор корхона бо сармояи хориҷӣ фаъол мебошанд. Солҳои охир дар доираи ҳамкориҳои сармоягузорӣ аз Тоҷикистон ба вилоят 25-30 миллион доллар ва аз Қирғизистон 12,7 миллион доллар сармоя ҷалб шудааст.

Бо Қирғизистон татбиқсозии ҳафт лоиҳа ба маблағи 42 миллион доллар идома дорад, ки се лоиҳаи он ба маблағи 2,5 миллион доллар аллакай мавриди истифода қарор гирифтаанд. Бо Тоҷикистон бошад, шаш лоиҳаи бузург ба маблағи 42 миллион доллар амалӣ мегардад. Ҳокими вилояти Фарғона ҳамчунин ба дурнамои афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад.

Маълумоти дар монография овардашуда имкон медиҳад, ки тасвири фарогиртари ҳамкориҳои мутақобила ба даст ояд. Масалан, гардиши моли вилояти Фарғона бо Қирғизистон аз 107,5 миллион доллари соли 2023 то 162,2 миллион доллар дар соли 2025 афзоиш ёфтааст. Савдо бо Тоҷикистон дар ҳамин давра аз 42,9 миллион то 64,6 миллион доллар расидааст.

Омӯзиши муносибатҳои тиҷоратии вилояти Суғд бо Ӯзбекистон низ натиҷаҳои ҷолиброб нишон медиҳад. Тибқи маълумоти монография, соли гузашта гардиши савдои байни онҳо аз 324,8 миллион доллари соли қаблӣ ба беш аз 423,6 миллион доллар расидааст. Ҳамзамон, содироти вилояти Суғд ба Ӯзбекистон афзоиш ёфтааст. Ин нишон медиҳад, ки Ӯзбекистон барои минтақаи ҳамсоя то чӣ андоза бозори муҳим ба шумор меравад.

Омори вилояти Намангон аз густариши имкониятҳои содиротии минтақаҳои Ӯзбекистон шаҳодат медиҳад. Дар солҳои 2020-2025 ҳаҷми умумии содироти вилоят ба Тоҷикистон ва Қирғизистон аз 145 миллион то 360 миллион доллар афзоиш ёфтааст. Содирот ба Тоҷикистон аз 80 миллион то 190 миллион доллар ва ба Қирғизистон аз 65 миллион то 170 миллион доллар расидааст.

Таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки ҳамкориҳо дар якчанд сатҳ – аз созишномаҳои сиёсӣ ва стратегияҳои минтақавӣ то ҳаҷми гардиши савдо, лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва робитаҳои нақлиётӣ мавриди арзёбӣ қарор гиранд.

Дар ин раванд Ӯзбекистон нақши махсус дорад. Ташаббусҳои Президенти кишвар Шавкат Мирзиёев барои ба муҳтавои амалӣ ғанӣ гардондани робитаҳои байнидавлатӣ шароити мусоиди сиёсӣ фароҳам оварданд. Маълум аст, ки муваффақиятҳои минбаъда то андозае аз он вобаста хоҳанд буд, ки имкониятҳои минтақаҳои наздисарҳадӣ, иқтидори илмӣ ва соҳибкорӣ то чӣ андоза босамар истифода мешаванд. Дар ниҳояти кор, маҳз дар сатҳи минтақавӣ қарорҳои сиёсӣ аҳамияти амалӣ пайдо намуда, бевосита ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонанд.

Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва Қирғизистон барои рушди муносибатҳои судманд дорои имкониятҳои назаррасанд. Иҷрои пайгиронаи уҳдадориҳои қабулшуда метавонад муносибатҳои неки ҳамсоягиро ба омили устувори рушди иқтисодӣ, суботи минтақавӣ ва некуаҳволии умумии се халқи бародар табдил диҳад.

Муҳаммад Алӣ САИДОВ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ҳамоҳангсоз ва муҳаррири масъули монография оид ба Ӯзбекистон.

! Нуктаи муҳим


Кушодани сарҳадҳо, содагардонии равуои мутақобила, барқарор намудани робитаҳои оилавию фарҳангӣ, фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои соҳибкорӣ ва савдо – ҳамаи ин муносибатҳои неки ҳамсоягиро на танҳо ба як эъломияи сиёсӣ, балки ба ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии рӯзмарраи мардум табдил медиҳад.



Ба муносибати 85-умин солгарди зодрӯзи адиб Ҷонибек Қувноқ

ШОИРИ ТАВОНО ВА ТАРҶУМОНИ МОҲИР

Як вақаб роҳ аст, Бедил, аз ту то домони хок,
Дар сари миҷгон чу ашк истодаӣ, ҳушёр бош.
Абдулқодири БЕДИЛ.



Ёду ёдгорашон гиромӣ ва манзили охираташ обод бод. Дар арафаи истиқлолро ба даст даровардани кишварамон: 6-уми ноябри соли 1990, ҳамагӣ чор рӯз қабл аз рӯзи мавлуд, шоири тавоно, мутарҷим ва журналисти моҳир, ҷонишини сармуҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (ҳоло «Овози тоҷик») узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, Корманди шоистаи фарҳанги Ӯзбекистон –Ҷонибек Қувноқ, ғайричашмдошти аҳли байт, қарибон, дӯстон, шогирдон ва ҳамкорон дар 49-солагӣ дунёи фониро падруд гуфт.

Агар зиндагиаш идома пайдо мекард, шояд китобҳои нави шеъриаш ба дасти чоп мерасид, бо гузоришу мақола ва мусоҳибаҳояш саҳифаҳои рӯзномаро рангинтар месохт, бо тарҷумаҳои тозааш дар таҳкими қавмҳои аз азал дӯсту бародар – тоҷику ӯзбек беш аз пеш саҳм мегузошт...

Устод Лоиқ Шералӣ дар сухани китоби «Саховат» аз мавсуф чунин ёд кардааст: «Ҷонибек, ба қавли худаш, „пайвандгари ду соҳил« – шаҳпуле буд миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон, шаҳпуле буд миёни тоҷикону ӯзбекон. Осори тоҷикиро ба ӯзбекӣ, осори ӯзбекиро ба тоҷикӣ тарҷума мекард. Миёни тоҷикону ӯзбекон ҳамеша тор метанид ба хотири дӯстӣ, бародарӣ, ҳамдиливу ҳамзабонӣ, ваҳдати маънавӣ ва рӯҳонӣ, ҳақиқат, адолат, садоқат, самимият, ғурур ифтихор, нангу номус ва якпорчагии миллати тоҷик ҷон меканд, метапид, мекоҳид, месӯхт...».

Бале, устод бароҳатӣ осори шоирони классику муосири тоҷик, намунаҳое аз ашъори Дақиқӣ, Убайди Зоконӣ, Ҷомӣ, Биноӣ, Ҳилолӣ, Мушфиқӣ, Сайидо, Маъдан, Савдо, Аҳмади Дониш, Саҳбо, Шоҳин, Асирӣ, Айнӣ, Ҳайрат, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Мавҷуда Ҳакимова, Убайд Раҷаб, Наримон Бақозода, Лоиқ, Гулрухсор ва дигаронро ба забони ӯзбекӣ ва намунаҳое аз осори адибони ӯзбек, ба монанди Алишер Навоӣ, Назармат, Нормурод Нарзуллоев (Нарзий), Эркин Воҳидов, Барот Бойқобилов, Абдулло Орипов, Ӯткир Ҳошимовро ба забони тоҷикӣ баргардондааст.

Нахустин шеъраш соли 1961 дар нашрияи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» чоп шудааст. Дертар, баъд аз хатми донишгоҳ, ходими адабии рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» буд ва бори шуъбаи адабиёт ва ҳунарро бар дӯш дошт. Дар тӯли фаъолият дар рӯзнома тавассути муассисаҳои табъу нашри Ӯзбекистону Тоҷикистон чанд маҷмӯаи шеъраш рӯйи чопро дидааст. «Қарз» (Душанбе: Ирфон, 1973), «Арзи дил» (Душанбе: Ирфон, 1977), «Юрак тўлқинлари» (ба забони ӯзбекӣ, Тошкент: Ёш гвардия, 1977), «Ифтихор» (Душанбе: Адиб, 1982), «Розҳо» (Душанбе: Адиб, 1987), «Занғўла» (Душанбе: Адиб, 1990), «Саховат» (зери таҳрири Саидалӣ Маъмур ва сарсухани Лоиқ Шералӣ; Душанбе: Адиб, 1998), «Чароғи сухан» (Душанбе: Адиб, 2010) аз он ҷумланд.

Метавон гуфт, ки устод аз беҳтарин шоирони вуқӯъгӯ аст. Сабки эҷодаш, мисли сабки эҷоди Одамушшуаро Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ... хуросонист. Ҳуте бар он буд, ки беҳтарин шеър шеъри воқеа аст. Зеро дар он ба хонанда мавзӯи мафҳуму ошно манзарае дар қабои бадеият пешниҳод мегардад.

Шеърҳои шоир лабрези ҳиссиёти гарми инсонӣ, баёнгари хислатҳои неке чун хоксорӣ, сабру бардошт, сидқу вафо, раҳмдилӣ ва дарёдилӣ аст. Донае аз хирвор:

Кош, рӯзи вопасин ман
пеши поят ҷон диҳам,
Ё бароят ҷон диҳам, ё ки ба
ҷоят ҷон диҳам.

Хонандагон то ҳанӯз аз тарҷумаҳои ӯ баҳра мебаранд. .

Яке аз тарҷумаҳои хуби устод шеъри «Тоҷикам» ба шумор меравад, ки он дар заминаи шеъри шоири ӯзбек Барот Бойқобилов – «Меҳрнома ба халқи тоҷик» падид омадааст ва он соли 1985 дар ҷашнвораи фарҳангии Даҳаи адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ӯзбекистон суруда шудааст.

Мо – ҳамкорон ва онҳое, ки дар садаи бист ба сар бурдаанд, аз зиндагиномаи устод вуқуфи комил дорем. Вале аксарияти имрӯзиён шояд намедонанд, ки шоир зодаву парвардаи куҷост ва чӣ роҳеро пушти сар гузоштааст. Ба ин хотир хостем махтасари шарҳи ҳоли ӯро ироа кунем.

Устод 10 ноябри соли 1941 дар деҳаи Порашти ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах дар оилаи кишоварз ба дунё омад. Падару модараш – бобои Қувноқ ва момои Оча ӯро дар паҳлӯи дигар бародару хоҳаронаш ба воя расондаанд. Маълумоти миёнаро дар мактаби таълими ҳамагонии рақами 10-уми деҳаи Синтаб, ки ҷузви ноҳияи Нуратои вилояти Самарқанд (ҳоло вилояти Навоӣ) мебошад, фаро мегирад. Соли 1959, пас аз хатми мактаб, ба факултаи филологияи тоҷики Донишкадаи омӯзгории Ленинобод (ҳоло Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров) дохил шуда, онро бо дипломи аъло хатм менамоянд.

Дар поён порае чанд аз як тарҷумаи устод ба алоқамандони каломи бадеъ пешниҳод мегардад.

А. СУБҲОН.

Барот БОЙҚОБИЛОВ

ТОҶИКАМ

Рӯдакӣ бар шоирони даҳр, бобо, тоҷикам,
Баҳри некӣ омадӣ бар рӯйи дунё тоҷикам,
Ёфт дунёе зи нав дунёи дилҳо, тоҷикам,
Ҳар куҷо хайрест, дорӣ мӯҳру имзо, тоҷикам...

Неш мезад душманат, тобу тавонат мерабуд,
Дар ниқоби дӯст гоҳе нони хонат мерабуд,
Дард шодиро зи ҷону ҳам маконат мерабуд,
Буд ҳамчун марҳами ҷон илми Сино, тоҷикам.

Лек аз шурӯ шарар як дам сари ту хам нашуд,
Пеши Дорою Сикандар чашми ту пурнам нашуд,
Пеши Чингизу Қутайба наъраат барҳам нашуд,
Суғд шуд тимсоли мардӣ, суғди гӯё тоҷикам.

Достони мардумон шуд Коваю Суҳроби ту,
Шердил Темурмалик руст аз гили хушоби ту,
Хӯрд зарбе золим аз Восеи нусратёби ту,
Нур мебурдӣ шабон бар субҳи фардо, тоҷикам.

Торикистон буд даврон, маърифат афрӯхтӣ,
Ҳамчу устоде ба олам илму фан омӯхтӣ,
Бар Араб, Юнону Ҳинду Чин сафо афрӯхтӣ,
Осиёсон гирд гаштӣ Осиёро, тоҷикам.

Бо каломи тоҷикӣ Ҳофиз дили дунё гирифт,
Чун худои достон Фирдавсӣ сар боло гирифт,
Саъдиву Хайём номи булбули гӯё гирифт,
Рӯдакӣ бар шоирони даҳр бобо, тоҷикам.

Аз азал пайваст бо мо марзаю дарёи ту,
Мардуми як деҳа бо ду лафз дорад гуфтугӯ,
Ҳайрате ояд аз ин: ӯзбек ку?! тоҷик ку?!
Дар ғаму шодӣ шарик, ҳамрозу ҳампо, тоҷикам!

Резаи ин дӯстӣ аз ибтидои умри мост,
Аҳди Ҷомию Навоӣ гӯяд ин даъвост рост,
Боду борони замонҳо ҳеч барге з-он накост,
Решаҳои нав ба нав дорам таманно, тоҷикам.

Ҳомид Олимҷону Айнӣ ҳар ду устоди мананд,
Дар диёри назм ҳар ду боғи гулободи мананд,
Шеъри Турсунзода чун савганд дар ёди мананд,
Нуктаҳоро шеваи ӯ дода оро, тоҷикам.

Номаи моро пазир ҳамчун дуруди дӯстӣ,
Ҳамчу байти эҳтироме аз суруди дӯстӣ,
Аз Бароти дӯстдорат чун суҷуди дӯстӣ,
Кам машав хуршедсон, то ҳаст дунё, тоҷикам!

Аз забони ӯзбекӣ тарҷумаи
Ҷонибек ҚУВНОҚ.

НАВИШТАНИ ДАРДИ ДИЛИ МАРДУМ ВАЗИФАИ ШАҲРВАНДИСТ

Дар вақтҳои охир масъалаи бо ангишт таъмин намудани аҳолии ноҳияи Сӯх барои ман ба имтиҳони виҷдон ва масъулияти шаҳрвандӣ табдил ёфт.

Вобаста ба ин масъала ба ҳокимияти ноҳия, ҳокимияти вилоят, роҳбарияти ҶС «Ӯзбеккӯмир», Вазорати геология, Кумитаи рушди рақобат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, инчунин роҳбарияти Ҷамъияти саҳомии «Кӯмир таъминот» муроҷиат намудам. Ин мавзӯъро борҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ низ ба миён гузоштаам.

Ҳадафи ман як чиз буд: аҳолии Сӯх бояд имконият дошта бошад, ки ангишти босифатро бо нархи ҳарчи дастрас харидорӣ намояд. Ҳамзамон, ба соҳибкори маҳаллӣ Ҳисенхон Аҳмадҷонов, ки солҳои зиёд дар ин соҳа фаъолият дорад, барои иштирок дар савдои биржа имконияти қонунӣ фароҳам оварда шавад.

Зеро пешниҳоди ангишти ба Сӯх овардашуда бо нархи 950-1000 сӯм барои 1кг. бо-си норозигии асосноки сокинон гардид. Дар шароите, ки мардум дар остонаи зимистон қарор доранд ва арзиши ҳар як сӯмро хуб эҳсос мекунанд, нисбат ба чунин масъала бетараф мондан имкон надошт.

Ниҳоят маълумот пайдо шуд, ки тибқи қарори №418-и Девони Вазирон, таъминоти аҳолии Сӯх бо ангишт дар соли ҷорӣ тавассути Ҷамъияти саҳомии «Кӯмир таъминот» ба роҳ монда шуда, нархи таҳвили он 750 сӯм муқаррар гардидааст. Албатта, ин як тағйироти мусбат ва қобили зикр аст.

Албатта, навиштаҳо, андешаҳои интиқодӣ ва серталабиамон на ба ҳама писанд омаданд. Бо эътирози баъзе роҳбарон рӯ ба рӯ шудам.

Муҳим он аст, ки ангишт ба аҳолӣ сари вақт, босифат, бо нархи муқарраршуда ва ба таври одилона дастрас гардад. Ҳамчунин барои соҳибкорон бояд шароити баробари рақобати қонунӣ фароҳам оварда шавад.

Камолиддин АЗИЗОВ,
журналист.

Вилояти ФАРҒОНА.

ҚУЛЛАИ МЕҲНАТ – ПИРӮЗИИ УСТОД



Дар зиндагӣ дастовардҳое ҳастанд, ки танҳо як шахсро шод намекунанд, балки қалби як муассиса ва ҳатто як маҳалро саршор аз ифтихор месозанд. Пирӯзии омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 53-юми ноҳияи Олтинсойи вилояти Сурхондарё Фарида Шоймардонова дар озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори сол – 2026» аз ҷумлаи ҳамин дастовардҳои арзишманд мебошад.

Ин пирӯзӣ тасодуфӣ нест. Он натиҷаи меҳнати содиқона, ҷустуҷӯҳои пайваста, таҷрибаи ғанӣ ва муҳаббати самимӣ ба касби омӯзгорист.

Омӯзгор танҳо дарс намедиҳад, ӯ ба дили кӯдак тухми дониш мекорад, завқи китобхониро бедор месозад, роҳи дуруст рафтанро меомӯзонад ва дар ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас нақши муассир мегузорад.

Хусусан, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ масъулияти басо бузург дорад. Зеро аввалин ҳарф, аввалин ҷумла, аввалин китоб ва аввалин қадамҳои кӯдак ба ҷаҳони илму маърифат маҳз аз синфҳои ибтидоӣ оғоз меёбанд. Дар ин марҳилаи ҳассос меҳрубонӣ, сабр, дониши мукаммал ва маҳорати баланди омӯзгорӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад.

Фарида Шоймардонова дар фаъолияти бисёрсолаи омӯзгории худ тавонистааст ба ин масъулияти бузург бо садоқат қаробат ҷӯяд. Ҷустуҷӯйи роҳҳои нави таълим, истифодаи усулҳои муосир, муносибати фардӣ ба ҳар як хонанда ва кӯшиши пайваста барои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия аз вижагиҳои фаъолияти касбии ин омӯзгори соҳибтаҷриба ба шумор меравад.

Иштирок дар озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори сол – 2026» барои ҳар як омӯзгор худ як мактаби бузурги таҷриба ва маҳорат аст. Дар чунин озмунҳо дониш, ҷаҳонбинӣ, маҳорати дарсдиҳӣ, фарҳанги муошират, қобилияти эҷодӣ ва муносибат ба касб мавриди санҷиш қарор мегиранд.

Шоймардонова дар ин майдони муҳими рақобат бо сари баланд ширкат варзида, маҳорати баланди омӯзгорӣ ва таҷрибаи худро ба таври шоиста нишон дод.

Пас аз эълони натиҷаҳо шодии ҳамкорон, шогирдон ва аҳли ҷомеаи маҳал ҳадду канор надошт. Зеро пирӯзии як омӯзгор пирӯзии тамоми мактаб гардид.

Ба ҳайси ғолиби озмун устод бо мукофоти пулии 616 миллион сӯм, баробар ба 1400 музди ақали меҳнат қадрдонӣ гардид.

Албатта, арзиши меҳнати омӯзгорро танҳо бо маблағи мукофот чен кардан мумкин нест. Сармояи асосии устод шогирдон, эҳтироми падару модар, эътимоди ҳамкорон ва осори неке мебошад, ки дар зеҳну қалби насли наврас боқӣ мегузорад.

Ин пирӯзӣ барои омӯзгорони ҷавон низ намунаи ибрат аст: агар инсон ба касби худ содиқ бошад, пайваста омӯзад, навовар бошад ва бо муҳаббат меҳнат кунад, қуллаҳои баландтарин низ фатҳшавандаанд.

Дар ҳақиқат, қуллаҳои бузургро бо қадамҳои хурд, вале устувор фатҳ мекунанд. Пирӯзии имрӯзаи устод низ самараи ҳамин қадамҳои устувор ва меҳнати солҳост.

Ин дастоварди арзишмандро ба худи устод, аҳли хонавода, шогирдон, ҳамкорон ва тамоми ҷамоаи мактаби рақами 53-юми муборакбод мегӯем.

Қалбе, ки барои кӯдакон метапад

Субҳ ҳанӯз чеҳраи худро ба ҷаҳон нишон надода, равшании офтоб аз паси уфуқ оҳиста-оҳиста доман паҳн мекард. Даре боз мешуд, кӯдаке бо ҷузвдони хурд аз хона мебаромад, модаре то сари кӯча ҳамроҳаш меомад ва садои қадамҳои кӯдакона дар роҳ ба сӯйи мактаб ба гӯши саҳар мерасид.

Дар мактаби мо низ чунин як ҷаҳон вуҷуд дорад. Фарида Шоймардонова солҳо боз бо кӯдакон сару кор дорад. Бо кӯдаконе, ки баъзеашон ҳанӯз ҳарфҳоро дуруст намешиносанд, вале чашмонашон пур аз савол аст. Кӯдаконе, ки мехоҳанд ҳама чизро донанд: чаро борон меборад, офтоб медурахшад, чаро китобҳо ин қадар ҳарф доранд ва чаро омӯзгор ҳар рӯз ба мактаб меояд?

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ будан кори осон нест. Ин касб сабри зиёд, муҳаббати беандоза ва масъулияти бузург металабад.

Ҳар кӯдак барои омӯзгор як дунёи алоҳида аст.

Яке зуд меомӯзад, дигаре бештар вақт мехоҳад. Яке озодона сухан мегӯяд, дигаре хомӯш менишинад. Яке дар математика қавӣ аст, дигаре дар шеър. Яке бо як таъриф бол мегирад, дигаре ба як сухани меҳрубонона ниёз дорад. Ва омӯзгор бояд ҳамаи онҳоро бинад. Фаҳмад. Роҳнамоӣ кунад. Ин аст ҳунари омӯзгорӣ.

Солҳои фаъолияти Фарида Шоймардонова низ дар ҳамин ҷустуҷӯҳо гузаштаанд. Муаллим барои беҳтар кардани сифати таълим ҳамеша дар ҷустуҷӯи роҳҳои нав аст. Зеро замон дигар шудааст. Талаботи таълим низ дигар мешавад.

Омӯзгоре, ки мехоҳад имрӯз муваффақ бошад, бояд худаш низ ҳамеша омӯзад.

Рӯзи озмуни ҷумҳуриявии «Омӯзгори сол – 2026» барои ӯ рӯзи одӣ набуд. Он лаҳза танҳо номи як омӯзгор садо надод. Гӯё номи мактаби рақами 53, номи ноҳияи Олтинсой ва номи ҳамаи омӯзгороне садо дод, ки ҳар рӯз бо меҳнати ҳалол ба таълиму тарбия машғуланд. Ин пирӯзӣ барои як инсон буд, аммо шодии он ба бисёриҳо тааллуқ дошт.

Инсон дар зиндагӣ бо роҳҳои гуногун ном мегузорад: яке бино месозад, дигаре китоб менависад, сеюмӣ кашфиёте мекунад...

Аммо омӯзгор инсон месозад. Ӯ дар сохтани оянда саҳм мегузорад.

Ҳар кӯдаке, ки имрӯз дар синфи ибтидоӣ ҳарфи аввалини худро менависад, фардо метавонад олим, шоир, табиб, муҳандис, роҳбар ё омӯзгори дигар шавад. Ва дар оғози роҳи ӯ чеҳраи як омӯзгор меистад.

Шояд баъди солҳои зиёд он кӯдак номи бисёр чизҳоро фаромӯш кунад. Аммо эҳтимол дорад, ки чеҳраи аввалин омӯзгори худро фаромӯш накунад. Ин аст бузургии касби омӯзгорӣ.

Омӯзгор ҳар рӯз ба мактаб меояд, дарс медиҳад ва меравад. Аммо сухани ӯ дар қалби шогирд мемонад. Ва агар аз як омӯзгор баъди солҳои зиёд садҳо қалби бедор, садҳо тақдири равшан ва садҳо инсони босавод ба камол расанд, пас ӯ рисолати худро ба ҷо овардааст.

Фарида Шоймардонова аз ҷумлаи чунин омӯзгорон аст.

Шавкат АБДУРАҲМОНОВ,
омӯзгори мактаби рақами 53-юми ноҳияи Олтинсой, раиси Маркази миллӣ-маданнии тоҷикони ноҳия.

ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Ҳангоми шахшӯлии оринҷ

1 қошуқча намак, 1 қошуқча қаймоқ, 1 қошуқча шарбати лимӯ, 0,5 қошуқча содаи истеъмолӣ ва 1 қошуқча пероксиди гидроген гирифта, хуб омехта мекунанд. Баъд ба оринҷҳо молида, бо халтаи селофанӣ мепечонанд. Пас аз 45 дақиқа пӯсти хушк ва ноҳамвори оринҷ суфтаву солим мегардад.

Ҳангоми хушк шудани пӯсти оринҷ

Вақте пӯсти оринҷ хушк ва шахшӯл мешавад, анҷом додани ваннаи махсус муфид аст. Ба зарф 1 литр оби гарми собундор рехта, 50 грамм содаи истеъмолӣ илова мекунанд. Ба оринҷҳо крем молида, 10 дақиқа дар об нигоҳ медоранд, сипас ҷойҳои шахшӯлшударо бо санги ҷилбур (пемза) оҳиста-оҳиста молида тоза мекунанд. Баъд боз крем молида, 10 дақиқаи дигар дар об нигоҳ медоранд. Сипас оринҷҳоро хушк ва пок карда, боз крем мемоланд. Табобат 8–10 рӯз такрор карда мешавад.

Ҳангоми табларза

Барои табларза дорчинро нӯшидан, махсусан бо равғанаш молидан, фоида дорад.

Ҳангоми бемориҳои дандон ва милк

Агар пардаи сири дандонҳои шумо осеб дида бошад, аз байни милкҳоятон хун рафта, нороҳат кунад, пеш ё баъд аз таом истифодаи сабзавот натиҷаи хуб медиҳад. Баъд аз муолиҷа ғарғара кардани даҳонро фаромӯш накунед.

Кабудиҳо дорои хусусиятҳои табиии зиддибактериявӣ, безараргардонӣ мебошанд ва бӯйҳоро бартараф менамоянд. Онҳо ба ҷойҳое, ки дигар доруҳо расиданашон душвор аст, метавонанд таъсир расонанд. Ҳамчунин, устувории милкҳоро нигоҳ медоранд. Ғайр аз ин, шарбати сабзаҷот, ки дар ковокии даҳон ҷудо мешавад, ба низоми ҳозима гузашта, фаъолияти онро беҳтар мекунад.

Ҳангоми дарди дандон

Тавассути дар бинӣ чаконидани шарбате, ки аз кадуи хом (напухта) гирифта шудааст, метавон дарди дандонро рафъ кард.

Барои кушодани бозмондаҳои меъда

Дамкардаи гули санҷид қувваи меъда ва ҷигарро зиёд мекунад ва бозмондаҳоро мекушояд. Ҳамчунин, зардпарвин, табларза ва дардҳои кашиши мушакҳоро бартараф мекунад.

Ҳангоми шахшӯл шудани пӯсти пошна

Вақте пӯсти пошна ноҳамвор мешавад, ба оби гарми зарф 1 қошуқча сода ва 1 қошуқ резаи собунро омехта карда, ҳар рӯз бегоҳ пеш аз хоб 20 дақиқа пойҳоро дар он нигоҳ доред. Баъд дар пошна креми равғанӣ молед.

Барои мустаҳкам кардани рагҳо

Исфаноҷ масуният (иммунитет)-ро беҳтар мекунад, рагҳоро мустаҳкам месозад, ба фаъолияти ғадуди зери меъда кумак мерасонад, барои пешгирии гипертония хидмат мекунад, таъсири сабуки исҳоловар дорад ва раванди пиршавии ҳуҷайраҳоро суст мекунад. Ҳамчунин, исмалоқ барои одамоне, ки фаъолияти асабашон халалдор шудааст ва сахт хаста шудаанд, фоидаи калон дорад.

(Давом дорад).

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА,**
А. РӮЗИМАТОВ.



ХУДАМРО ЁД КАРДАМ...

Ман туро,
Он лаҳзаҳои ботуиро,
Рӯзҳои ҳамдиливу ҳамраҳиро
Кӯчаву боғу хиёбон,
Сайрҳои зери борон,
Қаҳваю ширинию гул,
Гуфтугӯҳои латифи бегаҳиро...
На!
Худамро ёд кардам...
Ман худамро,
нозанинеро, ки дар чашмат
хубрӯтар аз ҳама хубони олам буд...
Тозарӯҳу тозарӯву сабздоман
Бехабар аз баргрези зиндагонӣ,
Бехабар аз дардҳои ҷовидонӣ...
Мӯҳру имзо кард дилрову ба дастат дод,
Моҳии тилоии худро ба шастат дод.
Ман худамро ёд кардам,
Он арӯсакро, ки бо сад бовару уммеди зебо
Баччагиро рехт рӯйи шонаи ту,
То кунад гул
Ҳастии ту,
зиндагиву бахти ту,
кошонаи ту...
Ман худамро ёд кардам,
Он гулеро ки ба чашму бар лабу дил
хандаҳои кимиёӣ дошт,
Таркиби давоӣ дошт.
Орзуҳои гулобу сабзу обӣ
Ҷонфизоӣ, ҷонфидоӣ дошт
Ман худамро ёд кардам...
Омадам бар ҷустуҷӯи хеш...
То шинам бар гуфтугӯи хеш...
То фишорам дастҳоямро:
Офарин,
эй духтарак,
эй гулпарак,
эй нур!
Эй парастуи муҳаббат!
Бе ибо, бебок, зеботар,
Бол зан, парвози дигар кун!
Роҳи фардои ту хуршедист, бовар кун!

Мафтуна ҚОСИМЗОДА.

ГӮӢ БАР Ӯ АФСОНА БУД...

Дар қадаҳ акси рухи ҷонона буд,
Тавбаи ман то дари майхона буд.

Ёд бод, он рӯзгорон ёд бод,
Дар бараш аз дуриҳо парво набуд.

Умрҳое бурдаам бо ҷустуҷӯ,
Ончи берун ҷустаам, дар хона буд.

Бок не аз бомбарони ғамат,
Хонаи дил аз азал вайрона буд.

Ман чӣ дидам андар ин дунёи дун:
Ҳеч касро бар касе парво набуд.

Ҳар кӣ аз по мезадам, ӯ дӯст буд,
Ҳар кӣ дастамро гирад, бегона буд.

Дӯстро кам гир гуфтам бо Ҳасан,
Ин сухан гӯӣ бар ӯ афсона буд.

Ҳасан СУЛАЙМОНӢ.

Барои кӯдакон

МАРО БА МАКТАБАТ БАР

Хоҳаракам, Фарзона,
Зиқ шудам-ку дар хона.
То кай равам ба ҳар дар,
Бароям «Алифбо» хар.
Маро ба мактабат бар.

Дафтару китобатро,
Дигар намедаронам.
Кафшакатро рӯйи бом,
Пинҳон намепаронам.
Маро ба мактабат бар.

Намекушоям дигар,
Катаки ҷӯҷаҳоро...
Намекунам аз санг пур,
Ҳавзаку ҷӯчаҳоро...
Маро ба мактабат бар.

Дилрабо НАСИМӢ.

ОЛИМЕ, КИ УМРИ ХУДРО БА САНЪАТИ МАҚОМ БАХШИДААСТ



Соли 2026 80-умин солгарди зодрӯзи Отаназар Матёқубов – мусиқишиноси маъруф, профессор ва Ходими шоистаи санъати Ӯзбекистон, ки дар омӯзиш ва ҳифзи мероси мусиқии тоҷику ӯзбек саҳми арзанда гузоштааст, таҷлил мегардад.

Мусиқӣ оинаи қалби халқ, таърих, анъана ва арзишҳои маънавии он аст. Дар фарҳанги ғании Тоҷикистону Ӯзбекистон санъати мақом ҷойгоҳи хосса дорад. Ин санъат дар тӯли садсолаҳо аз насл ба насл гузашта, то ба рӯзгори мо расидааст. Отаназар Матёқубов солҳои зиёди фаъолияти илмии худро ба омӯзиши ҳамин мероси нодир бахшидааст.

Яке аз хидматҳои муҳими олим омӯзиши амиқи таърихи мақом, хусусиятҳои хоси он ва нақши ин санъат дар фарҳанги мусиқии халқҳои тоҷик ва ӯзбек мебошад. Ӯ анъанаҳои маъруфи мақом, аз қабили Шашмақоми Бухоро, мақомҳои Хоразм ва шохаҳои мақомии Фарғонаю Тошкандро таҳқиқ кардааст. Ҳар яке аз ин анъанаҳо бо оҳангҳои хос, сохтори мусиқӣ ва услуби иҷрои худ фарқ мекунад. Ҳамаи онҳо бахше аз мероси бебаҳои фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон ба шумор мераванд.

Отаназар Матёқубов на танҳо ба омӯзиши асарҳои мусиқӣ, балки ба таҳқиқи равандҳои ташаккул ва рушди санъати мақом, тағйироти он дар тӯли замон ва роҳҳои ҳифзи ин мерос дар давоми садсолаҳо низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дастхатҳои қадимӣ, осори илмӣ, ҳуҷҷатҳои таърихӣ ва таҷрибаи эҷодии созандагону сарояндагони маъруфро мавриди омӯзиш қарор додааст.

Олим ба омӯзиши мероси мутафаккирони бузурги Шарқ, аз ҷумла Абӯнасри Форобӣ, Ибни Сино, Сафиюддини Урмавӣ ва Абдулқодири Мароғӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Осори онҳо дар рушди илми мусиқӣ ва назарияи мусиқии классикӣ саҳми назаррас дорад. Таҳқиқоти Матёқубов барои амиқтар дарк намудани решаҳои таърихии фарҳанги мусиқии минтақа ва робитаи андешаҳои илмии гузашта бо анъанаҳои иҷроии то имрӯз ҳифзшуда мусоидат мекунанд.

Дар фаъолияти илмии олим омӯзиши низоми нотаи танбӯри Хоразм низ ҷойгоҳи муҳим дорад. Ин низоми қадимии сабти мусиқӣ барои амиқтар омӯхтани роҳу усулҳои сабт ва ҳифзи асарҳои мусиқӣ имконият фароҳам меорад. Зеро мусиқӣ танҳо аз нотаҳо иборат нест. Нозукиҳои иҷро, хусусиятҳои хоси оҳанг ва асрори маҳорати навозандагӣ аксаран тавассути омӯзиши бевосита аз устоди соҳибтаҷриба аз худ карда мешаванд.

Аз ҳамин сабаб, Отаназар Матёқубов ба анъанаи «устод – шогирд» аҳамият медод. Дар тӯли садсолаҳо устодон тавассути ин анъана ба созандагону сарояндагони ҷавон на танҳо тарзи иҷрои асарҳои мусиқӣ, балки маҳорати ҳунарӣ, таҷрибаи андӯхта ва муҳаббат ба санъати миллиро низ меомӯзонданд. Ин анъана имрӯз ҳам яке аз омилҳои муҳими ҳифз ва рушди минбаъдаи мероси мақом ба шумор меравад.

Асарҳои олим, аз қабили «Мақомот», «Форобӣ дар бораи асосҳои мусиқии Шарқ», «Шашмақоми Бухоро» ва «Мусиқии классикии ӯзбек» самараи таҳқиқоти илмии чандинсолаи ӯ мебошанд. Ин китобҳо барои амиқтар дарк намудани таърих, хусусиятҳои хос ва ғановати бадеии мусиқии классикии тоҷику ӯзбек мусоидат мекунанд.

Мероси илмии Отаназар Матёқубов имрӯз низ аҳамияти бузург дорад. Дар замоне, ки ҳифзи анъанаҳои миллӣ ба яке аз вазифаҳои муҳими ҷомеа табдил ёфтааст, осори ӯ зарурати ба насли ҷавон расонидани на танҳо оҳангҳо ва сабтҳои мусиқии қадимӣ, балки санъати зиндаи иҷро, таҷриба ва маҳорати устодонро низ таъкид менамояд.

80- солагии зодрӯзи Отаназар Матёқубов фурсати муносибест барои арҷгузорӣ ба хидматҳои олиме, ки умри худро ба омӯзиши мероси мусиқии халқҳои тоҷик ва ӯзбек бахшидааст. Осори илмии ӯ барои амиқтар шинохтани таърихи фарҳанги мусиқии минтақа, қадр намудани анъанаҳои аз ниёгон меросмонда ва ба наслҳои оянда расонидани санъати мақом хидмат мекунад. Зеро мақом яке аз сарватҳои бебаҳои маънавии Тоҷикистону Ӯзбекистон буда, санъати нодирест, ки таърих, фарҳанг ва ҷаҳони маънавии халқҳои минтақаро дар худ таҷассум менамояд.

Абдувалӣ АБДУРАШИДОВ,
Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон,
ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳангшиносӣ ва мероси ғайримоддии фарҳангии Вазорати фарҳанги Ӯзбекистон.

ЖУРНАЛИСТ ВА НАВИСАНДАИ МОҲИР



Ҷӯра Фозил 5 сентябри соли 1949 дар ноҳияи Рометани вилояти Бухоро таваллуд шудааст. Ӯ факултети журналистикаи Донишгоҳи давлатии Тошкандро хатм кардааст, узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон мебошад.

Ҷӯра Фозил муаллифи маҷмӯаи ҳикоя, қисса ва романҳои зиёде, аз ҷумла «Муҳаббатнинг байрамлари», «Бухоро элчиси», «Бахт юлдузи», «Менинг қизил гулим», «Бухорийнинг қайтиб келиши», «Айрилиқ остонаси», «Ғозиён зиндони», «Йўлбарсдаранинг сўнгги султони», «Ошиқ Бухорий қиссалари», «Хонгулнинг саргузаштлари», «Бухоро маликаси», «Ибтидо ва интиҳо» мебошад. То имрӯз 24 китоби ӯ ба табъ расидааст.

Киносозони Қазоқистон дар асоси ҳикояи адиб «Дўстга зор бўлган кунинг» филми бадеӣ офаридаанд.

Осори ӯ ба зиёда аз 20 забон, аз ҷумла тоҷикӣ, тарҷума шудаанд.

Адиб барандаи ордени «Дўстлик» ва нишони сарисинагии «Меҳнат фахрийси» мебошад.

Инак, ҳикояи ӯ «Китобфурӯш», ки дар мавзӯи доғи рӯз аст, ба хонандагони «Овози тоҷик» пешниҳод мегардад.

КИТОБФУРӮШ

(Ба хотираи шоири беназир Тилак Ҷӯра)

(Ҳикоя)

Гӯё пайраҳаи дуру дароз интиҳо надошт. Тобистону зимистон аз субҳи содиқ то шом аз ин ҷо рафтуои одамон канда, ғалоғулаи хариду фурӯши онҳо қатъ намешуд. Дар канори пайраҳа зери чинори пире, ки баъзе шоххояш хушкидаанд, пирамарди тақрибан наваддсолае нишастааст. Қади каме хамида, китфони васеъ, чеҳраи нурониаш замоне аз ҷавони зебо будани вай гувоҳӣ медоданд. Кулоҳи моҳутии нимдошт, сари ба қарибӣ тарошида ва хилъати дарози симобиаш ба вай салобат мебахшид. Чинори пир ва пирамарди аз вай пиртар ба қисми таркибии пайраҳаи пурғалоғула табдил ёфта буданд. Мардуми сол дувоздаҳ моҳ аз ин ҷо рафтуокунанда ба ин шахси болои шолчаи кӯҳна нишаста беэътибор шуда буданд. Вай ҳаст ё не, касе пайхас намекард. Миршаб, ходими андоз, паттачиён низ ба вай коре надоштанд. Мӯйсафед дар ин дунёи дун чунон умри зиёд дид, ки рӯзу моҳҳо он тараф истад, солҳо, даҳсолаҳоро сарфаҳм намерафт, аз афташ дар кадом диёр, мамлакат будубош доштани худро низ намедонист. Дар наздаш китоби муқовааш сахти ҷигарранги титу парешон ва саҳифаҳояш зардшудае қарор дорад. Касе ба вай эътибор намедод, ҳаракати одамоне, ки дар даст чизҳои хӯрданӣ, пӯшиданӣ ва боз ким-чиҳо доштанд, як лаҳза ҳам қатъ намеёфт.

Пирамард аз рӯзе, ки худро мешинохт, ҳамин китоби кӯҳнаро фурӯхтан мехост. Вале харидор набуд. Гоҳе шахсони зиёинамо лаҳзае таваққуф карда, китобро ба чапу рост варақгардон намуда, мепурсиданд, ки ин китоб дар бораи чист?

Пирамард чашмони хирашудаашро ба замин дӯхта «намедонам» мегуфт ва баъд барои худсафедкунӣ илова менамуд: – Замоне мазмуни китобро медонистам. Бобоям маънидод карда буд, ҳоло фаромӯш кардаам. Такрор хонам гӯям, чашмонам намегузаранд. Охир синну соли ман дар остонаи сад аст. Сад сол... овози пирамард меларзид. Вай аллакай сарфаҳм рафта буд, ки касе нияти китобхарӣ надорад. Аз ин рӯ, нигоҳҳояшро аз вай гирифта мегурехт. Дар чашмони камнураш пайваста ашк халқа мезад, ин аломати пирӣ ё аз алам, донистан мушкил буд. Вай солҳои зиёд зери чинор нишаста, табиати одамони аз наздаш рафтуокунандаро хуб омӯхта буд, ба ҳар кас китобашро пешниҳод мекард. Ҳар гоҳ ки дар дилаш ба фурӯхта шудани он ҳисси боварӣ падид меомад, бо овози паст илтиҷо мекард. Дар чунин лаҳзаҳо дар рӯйи пурожангаш гӯё нури илоҳие пайдо мешуд, вале ғалоғула овози бемаҷолашро фурӯ бурда, аз лоқайдии шахси навбатӣ чеҳраи пирамард тира мегашт. Ӯ баъзан ноумед шуда, доман меафшонд ва азми рафтан мекард, он гоҳ васияти бобояш, ки нафасҳои охиринашро мекашад, ба хотираш мерасид:

– Бачем, – гуфта буд он лаҳза бобояш, – ин китоби нодирро ба падарат не, ба ту мегузорам. Фикр мекунам, ки падарат ба қадри ин китоб намерасад... Вай бандаи нафс... Раъйи ту дигар аст, бачем. Ту бояд ин китобро дастраси одамон кунӣ. Дар ин китоб асрори бузург нуҳуфтааст, ки вай инсониятро аз ҳар гуна балову қазо ва офатҳо нигоҳ медорад... Ҳа, асрори бузург. Ту онро бояд ба соҳибаш расонӣ. Соҳиби ҳақиқии китоб кист, намедонам. Шояд бо хости Худо ту аз ӯҳдаи ин кор бароӣ...

Ин суханони дар дами охирин гуфтаи бобояш паси гӯшҳояш акси садо медоданд. Ӯ ҳушёртар шуда, ба гирду атроф чашм медӯхт ва ҳамоно соҳиби ҳақиқии китобро бо сабру тоқат интизор мешуд.

Пӯсад пирӣ, баъзан эҳсоси ботинӣ ӯро ба кӯчаи сарбаста андохта, баъзан аз шахсони аз китоб дур умедвор мешуд ва оқибат аз ин рафтораш пушаймон мегардид.

... Чинор акнун барг меборовард, ҳаво мулоим, гирду атроф пурнур буд. Аз субҳи содиқ дили мӯйсафед чун осмони баҳор мунаввар шуд. Як маҳал шахси миёнсоли хушнамуде сӯйи бобо қадам гузошт. Дили китобфурӯш ба шавқ омад ва хоҳиши азалии худро такрор кард. Шахси хушлибос овози ӯро шунид ё не. Ба ҳар ҳол ӯ муддате таваққуф кард ва ба бобо ва китоб бепарвоёна назар кард. Баъд аз ҷайбаш пул баровардa, онро болои китоб партофт ва роҳравиро идома дод. Гӯё ба болои мӯйсафед як сатил оби сард рехтанд. Китоби вай ба касе лозим нест. Ба ӯ садақа доданд. Вай ба пули ғиҷимшуда чашм афканду дар гулӯяш чизи дармондаро фурӯ бурда натавонист ва ба талвоса афтод. Ашки чашмонаш чун марворид дурахшида болои китоб рехт, китфони хамидаи ӯ ҷунбиданд. Дар ҳаёти бисёрсолаи савдогари китоби зери чинор ин гуна ҳодисаҳо борҳо рух додааст, вале ӯро гадо пиндошта садақадиҳӣ кардан таҳқир буд. Мӯйсафеди бечора дар рӯзи равшани баҳор аз марди хушсурат ин бедодиро интизор набуд. Оби дидагони пирамард қатъ намегардид. Бо вуҷуди ин, ҳаёт ба маҷрои худ давом мекард, дар қонуниятҳои вай ҳеҷ гуна дигаргунӣ рух надода буд.

Касе ба касе садақа диҳад, пирамарде барои китобе оби дида резад чӣ шудааст? Охир дар дунё резандагони оби дида магар каманд? Ҳамин тариқ рӯзҳо, моҳҳо, солҳо гузаштанд. Овози пирамард торафт заиф шуда, чашмонаш камнур гашта буданд, вале ӯ ҳамоно ба фурӯхта шудани китобаш бовар мекард. Фаслҳои сол бо ҳамдигар ҷо иваз мекарданд. Шоххои хушкидаи чинори азим зиёдтар мешуд. Дар рӯзгори бобои зери чинор дигаргуние рух намедод. Ҳамоно касе намедонист, ки ӯ дар куҷо хобу хез дораду дар куҷо ғизо мехӯрад. Ниҳоят дар шаби боронии сарду пурнами тирамоҳи деромада аз афташ мӯйсафед ба як қарор омадааст, ки аз домани боронии шахси зиёинамои аз наздаш гузаштаистода маҳкам дошта сӯйи худ кашид. Вай як қад парид ва хашмгин нигоҳ кард. Чашмонаш чеҳраи ношоди боборо дида, аз аспи ҷаҳл фуромад. Ин дафъа эҳсосоти ботинӣ пирамардро фанд надод. Шахси ҳайратзадаи рӯ ба рӯяш ба зиёӣ шабоҳат дошт.

– Бачем, зорӣ кард бобо, ҳамин китоби нодирро Шумо гиред, ҳамту бемузд... Пулатон лозим не... Эҳтимол, аз сири ин китоб огоҳ мегардед. Аҷаб не, ки ҳамаи дари тилисмҳои рӯзгор бароятон кушода шавад.

Шахси зиёинамо домани боронии худро аз дасти ӯ асабиёна кашида бонг зад:

– Ҳой, мӯйсафеди каллаварам! Ман китоб намехонам! Ман китоб менависам, фаҳмидӣ?!

Бобо як қад парид, бо дастонаш сарашро дошта нишаст. Ин таъна барои косаи сабри бобо, ки солҳои дароз дар зери дарахти чинор нишаста пур нашуда буд, қатраи охирин гардид. Бечора, сархамона беовоз гиря мекард. Акси садои қадамҳои торафт дуршудаистода ба сараш чун гурз бармехӯрд.

Дар ҳамин шаби сармо бобо ғайб зад. Чоштгоҳи рӯзи дигар дар ҷойи вай духтарчаи нимҷони тақрибан 7-8 сола пайдо шуд. Духтараки лоғар, ки чашмони калон-калони зебо дошт, бо овози ширадори ба пайкараш нозеб ҳамон китоби кӯҳнаро таърифкунон харидор меҷуст. Чашмони духтарча, садои ширадораш ба чашмону садои пирамарди ғайбзада хеле монанд буд. Ба ин дигаргунӣ – тағйироти зери чинор ба ғайр аз фаррош – кампири рӯфтурӯбкунандаи пайраҳа каси дигар сарфаҳм нарафт. Анбӯҳи одамоне, ки ҳамеша ба сӯе шитоб доштанд, чизеро харидан ё фурӯхтан мехостанд, на ба дигаргунӣ, ё китоб сарукор доштанду на ба сиру савдое. Ғалоғула, рафтуои беохири одамон мисли садои латмазаниҳои баҳр садои духтаракро ба худ фурӯ мебурд. Шамоли саркаш вазида, саҳифаҳои зардшудаи китобро парешон сохта, ҳуштак мекашид. Қатраҳои сард ва гарони борон баргҳои зарди хазонро ба замин яксон мекард. Садои аккаҳои шоххои нимурёни дарахтон ба дилҳо ваҳм меандохт. Байни пардаи ноаёни лоқайдӣ, ки арзу саморо фаро гирифта буд, ҳамон садои илтиҷоомез ба гӯш мерасид.

– Амакҷон! Ин китоб хеле зӯр! Ин ҷо бузургтарин сир ниҳон аст! Бузургтарин асрор! Васияти бобоям: ин китобро бояд ба соҳибаш расонам. Албатта мерасонам!!!

Садои борон торафт баландтар мешуд, илтиҷои духтарак ба гӯши касе намедаромад, пайраҳаи пурғалоғула дар оғӯши зулмат ғарқ мешуд.

Тарҷумаи
Амрулло АВЕЗОВ.

Аз рӯзгори адибони бузург

КИПЛИНГ ВА АРЗИШИ СУХАНОНИ Ӯ

Муаллифи «Китоби ҷангал» Редярд Киплинг дар авҷи шуҳрати худ яке аз сердаромадтарин нависандагони ҷаҳон ба шумор мерафт. Хабарнигорони он рӯзгор ҳисоб кардаанд, ки ӯ барои ҳар як калимаи навиштааш тақрибан як шиллинг мегирифт (он замон ин маблағи назаррас ба ҳисоб мерафт).

Гурӯҳе аз донишҷӯёни Донишгоҳи Оксфорд тасмим гирифтанд, ки бо нависанда шӯхӣ кунанд. Онҳо ба ӯ телеграмма фиристода, як шиллинг ҳамроҳ карданд ва навиштанд:

«Мо шунидаем, ки шумо барои ҳар як калима як шиллинг мегиред. Ин аст, як шиллинг мефиристем. Лутфан, яке аз суханони пурҳикмати худро ба мо бигӯед».

Киплинг ҳам худро заҳмат надод ва дар ҷавоб телеграммаи дигаре фиристод, ки дар он ҳамагӣ як калима навишта шуда буд: «Ташаккур».

ШЕФТАГИИ БАЛЗАК

Оноре-де-Балзак қобилияти фавқулодаи меҳнатдӯстӣ дошт, аммо нерубахши истеъдоди ӯ қаҳва буд. Нависанда рӯзе аз 15 то 18 соат кор мекард ва тибқи ҳисоби муҳаққиқон, дар як рӯз то 50 финҷон қаҳваи сиёҳи талху қавӣ менӯшид.

Вақте табибон ӯро ҳушдор медоданд, ки ин нӯшокӣ оқибат ба ҷони ӯ мерасад, Балзак ба ин суханон чандон эътибор намедод ва мегуфт:

«Қаҳва муҳаррики суръатбахши андеша аст. Бе он ман нависанда не, балки танҳо як ҳунарманду пешавар ҳастам».

Мутаассифона, табибон ҳақ баромаданд: мушкилоти қалб, ки дар пайи истеъмоли аз ҳад зиёди қаҳва ба вуҷуд омада буданд, умри ӯро ба таври назаррас кӯтоҳ карданд.

Тарҷума ва таҳияи
Дурандеш АБДУЛЛОЕВ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170. Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 2033. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 04.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.